**Суратмаҷлиси №39**

**Маҷлиси шурои диссертатсионии 6D.КОА-048-и назди**

**Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав**

аз «29» ноябри соли 2025 ш. Бохтар

**Иштирок доштанд:** аз 16 нафар аъзои шурои диссертатсионӣ 14 нафар иштирок доранд, мутахассисон аз рӯи ихтисоси диссертатсия 5 нафар.

Ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.КОА-048 29- уми ноябри соли 2025, дар толори шурои диссертатсионии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав (Суроға: 735140, Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Хатлон, ш. Бохтар, кӯчаи Айнӣ, 67) баргузор гардид.

**Раиси ҷаласа:** доктори илмҳои педагогӣ, профессор Сатторов А.Э.

**Котиби илмӣ:** номзади илмҳои педагогӣ, Ҳасанов Ш.Р.

**Раиси шуро:** Муҳтарам аъзои шурои диссертатсионӣ аз 16 нафар аъзои шурои диссертатсионии 6D.КОА-048, ки бо фармоиши раиси Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.04.2024, таҳти №135/шд тасдиқ гардидааст, 14 нафар иштирок доранд, ки аз онҳо 5 нафарашон доктороні илм - мутахассисон аз рӯи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда ба ҳисоб меравандд.

Кворум ҳаст, ҳамин тавр мувофиқи Низомнома дар бораи ҳимояи диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзадӣ шурои диссертатсионӣ ҳуқуқ дорад ҷаласаро оғоз кунад. Оиди оғози кори Шуро чигуна пешниҳод аст? Пешниҳод шуд, ки кори ҷаласаи Шуро кушода эълон карда шавад, пешниҳоди дигар нест? Нест. Кӣ тарафдори чунин

пешниҳод аст? Тарафдорон- 14 нафар. Зид- нест. Бетараф- нест. Якдилона қабул карда шуд.

## РӮЗНОМАИ ҶАЛАСА:

1. Ҳимояи такрории ошкорои рисолаи номзадии Давлатов Давлат Амриддинович дар мавзуи «Имкониятҳои педагогии рушди эҷодкории донишҷӯён тавассути технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08 – Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.01 - Назария ва методикаи фанҳои дақиқ (информатика)).

Диссертатсия дар кафедраи педагогика ва психологияи Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар шаҳри Панҷакент иҷро шудааст.

**Роҳбари илмии довталаби дарёфти дараваи илмӣ: Фийзиев Исматилло Давлатович-** доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи методикаи таълими физикаи Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров».

**Муқарризони расмӣ:**

**1. Мирзоев Абдулазиз Раҷабович** – доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи барномасозӣ ва низомҳои зеҳнии Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон.

**2. Мавлоназаров Силмон Силтоназарович** – номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи технологияи рақамӣ ва амнияти киберии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Муассисаи пешбар:** Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ.

## БАРОМАД НАМУДАНД:

1. **Раиси шуро:** доктори илмҳои педагогӣ, профессор Сатторов А.Э. кори шурои диссертатсиониро оғоз намуд.

2. **Котиби илмии шуро:** номзади илмҳои педагогӣ Ҳасанов Ш.Р. маълумотҳои мухтасарро дар бораи унвонҷӯ қироат намуд.

3. **Унвонҷӯ:** Давлатов Давлат Амриддинович мазмуни мухтасари диссертатсияро баён кард.

Муаллифи диссертатсия ба саволҳои аъзоёни шуро Комилӣ А.Ш., Шерматов Д.С. ва Сафаров Ҷ., ки вобаста ба мавзуи диссертатсия буданд, ҷавоб дод.

Баромади котиби илмӣ оид ба қироати тақризи роҳбари илмии унвонҷӯ шодравон **Фийзиев Исматилло Давлатович-** доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи методикаи таълими физикаи Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» шунида шуд.

**Тақризи муассисаи пешбар** Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳ Рӯдакӣ ба диссертатсияи Давлатов Д.А. бо имзои раиси ҷаласа декани факултети физика, математика ва информатикаи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳ Рӯдакӣ н.и.п., и.в. дотсент Самариддинова З.Н., экспертон, н.и.п., и.в. дотсенти кафедраи методикаи таълими информатика Муродализода Р.М. ва н.и.п., и.в. дотсенти кафедраи умумидонишгоҳии педагогика Лоиқов П. ва котиби ҷаласа н.и.п. Парвинаи Усмон омода гардида бо имзои ректори донишгоҳ д.и.п., дотсент Сафарзода М.В. аз 25- уми октябри соли 2025 тасдиқ шудааст. Мазмуни тақриз мусбат мебошад. Дар он мутобиқати муҳтавои диссертатсия ба соҳаи илми эълоншуда, саҳми илмии довталаб дар ҳалли масъалаҳои илмӣ, навгонии илмии диссертатсия, моҳияти илмӣ-назариявӣ ва амалии он, инчунин мутобиқати тахассуси илмии довталаб ба дараҷаи илмӣ зикр гардидааст. Муассисаи пешбар қайд намудааст, ки диссертатсияи номзадии Давлатов Давлат Амриддинович дар мавзуи «Имкониятҳои педагогии рушди эҷодкории донишҷӯён тавассути технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ» ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-

юми июни соли 2021, тахти №267, бо тағйиру иловаҳо аз 26-июни соли 2023, №295) ҷавобгӯ буда, дар маҷмуъ, метавон иброз намуд, ки довталаб барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз руи ихтисоси 13.00.08- Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.01- Назария ва методикаи фанҳои дақиқ (информатика)) сазовор мебошад.

**Баромад ва тақризи муқарризони расмӣ:**

1. **Мирзоев Абдулазиз Раҷабович** – доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи барномасозӣ ва низомҳои зеҳнии Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон.

2. **Мавлоназаров Силмон Силтоназарович** – номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи технологияи рақамӣ ва амнияти киберии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Баромад ва тақриз ба автореферат:**

Ҳамчунин ба шурои диссертатсионӣ 6D.KOA-048 дар назди Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав тақризҳои зерини ғайрирасмӣ ба автореферати Давлатов Д.А. ворид шудаанд:

1. Азимова Назира Самадовна – д.и.п, дотсент, мудири кафедраи математика ва информатикаи Донишкадаи байналмиллалии Хуҷанди Донишгоҳи байналмиллалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон. Тақриз мусбат аст.

2. Мухамедова Шаҳло Файзуллоевна – н.и.п., дотсенти кафедраи фанҳои риёзӣ-табиатшиносии муосири Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон. Тақриз мусбат арзёбӣ шудааст, вале базе эродҳо дар он пешниҳод шудааст:

3. Султонҳайдаров Нуриддин Хонқулиевич – н.и.п., дотсент, мудири кафедраи омӯзгории забонҳои Шарқи Донишгоҳи байналмилалии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода. Тақриз мусбат арзёбӣ шудааст. Бо вуҷуди ҷанбаҳои мусбат, дар таҳқиқоти мазкур баъзе камбудиҳои чузъӣ мушода мегарданд:

4. Шарипов Нусратулло Зайдуллоевич – н.и.п., дотсенти кафедраи математикаи оли ва фанҳои табиатшиносии Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон Тоҷикистон. Тақриз мусбат аст, вале ба ҳайси эрод пешниҳод намудааст, ки :

5. Гулмадов Файз – д.и.п., профессор, мудири шуъбаи педагогика ва методикаи Академияи таҳсилоти Тоҷикистон. Тақриз мусбат аст.

6. Мирзозода Раҳмоналӣ Раҷаб – д.и.п., дотсент, мудири кафедраи методикаи таълими математикаи ДДОТ ба номи С. Айнӣ. Тақриз мусбат арзёбӣ шудааст.

Ҳамаи тақризҳои воридшуда мусбат буда, баъзе пешниҳодҳо, ки дар ин тақризҳо қайд шудаанд хусусияти тавсиявӣ доранд.

Ҳамаи муқарризоне, ки тақризҳои худро ба автореферати Давлатов Д.А. пешниҳод кардаанд, қайд намудаанд, ки ин таҳқиқот мубрам буда, дорои арзиши амалӣ мебошад ва сарфи назар аз баъзе камбудиҳо ба хулосае омадаанд, ки довталаби дараҷаи илмӣ Давлатов Д.А. барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.08 – Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.01 - Назария ва методикаи фанҳои дақиқ (информатика)) сазовар мебошад.

Ҷавоб ба эродҳои муқарризони ғайрирасмӣ ва сухани хотимавии унвонҷӯ шунида шуд. Тариқи овоздиҳии ошкоро комиссияи ҳисоб барои гузарондани овоздиҳии пинҳонӣ дар ҳайати 3 нафар аъзоёни шурои диссертатсионӣ: профессорон Комилӣ А.Ш., Раҷабов Т.Б. ва дотсент Гулова М.Т. интихоб гардид. Комиссия овоздиҳии пинҳониро баргузор намуд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ 14 нафар аъзои шуро иштирок намуданд, ки аз онҳо 5 нафарашон докторони илм-мутахассисон аз рӯи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда ба ҳисоб мераванд.

Натиҷаи овоздиҳӣ: Тарафдорон - 14 нафар, зид - нест, бюлетенҳои беэътибор - нест.

Ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.КОА-048 дар назди МДТ «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» оид ба додани дараҷаи илмии номзади илм аз рӯи ихтисоси 13.00.08 – Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.01 - Назария ва методикаи фанҳои дақиқ (информатика)) **тақризи мусбати** муқарризон, натиҷаи **овоздиҳии пинҳонӣ** ва **хулосаи** шурои диссертатсиониро ба инобат гирифта, бо дарназардошти мубрамияти мавзуъ, коркарди илман асоснокшуда, навгонӣ, аҳамиятнокии назариявӣ ва амалии таҳқиқот, натиҷаҳо ва хулосаҳои диссертатсия мувофиқи бандҳои 93-94- и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267, бо тағйиру иловаҳо аз 26.06.2023 №295),

**ҚАРОР МЕКУНАД:**

1. Бромад ва муҳокимаи такрории диссертатсияи Давлатов Давлат Амриддинович дар мавзуи «Имкониятҳои педагогии рушди эҷодкории донишҷӯён тавассути технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08 – Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.01 - Назария ва методикаи фанҳои дақиқ (информатика)) пешниҳод шудааст, баромади муқарризони расмӣ: **Мирзоев Абдулазиз Раҷабович** – доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи барномасозӣ ва низомҳои зеҳнии Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон ва **Мавлоназаров Силмон Силтоназарович** – номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи технологияи рақамӣ ва амнияти киберии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, баромади муқарризони ғайрирасмӣ, аъзоёни шурои диссертатсионӣ, мутахассисон аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи муҳокимашаванда, натиҷаи **овоздиҳии пинҳонӣ** ва **хулосаи** Шуро оид ба диссертатсия ба инобат гирифта шаванд.

2. Автореферат ва маводи илмии нашрнамудаи муҳаққиқ мазмуну мундариҷаи диссертатсияро пурра инъикос менамояд.

3. Ба Давлатов Давлат Амриддинович дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08 – Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.01 - Назария ва методикаи фанҳои дақиқ (информатика)) дода шавад.

4. Аз Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон хоҳиш карда шавад, ки қарори шурои диссертатсионӣ оид ба додани дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ ба Давлатов Давлат Амриддинович аз рӯйи ихтисоси 13.00.08 – Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.01 - Назария ва методикаи фанҳои дақиқ (информатика))- ро дастгирӣ намуда, барои ба Давлатов Давлат Амриддинович додани дипломи дараҷаи илмии номзади илм мусоидат намояд.

Ки тарафдори чунин қарори шурои диссертатсионӣ мебошад? Хоҳишмандем овоз диҳед. Тарафдорон: 14 нафар. Зид: нест. Бетараф нест. Якдилона қабул шуд.

**Раиси шурои диссертатсионӣ** **СатторовА.Э.**

**Котиби илмии**
**шурои диссертатсионӣ** **Ҳасанов Ш.Р.**
"_29_"___11___ 2025

Сардори шуъбаи кадрҳо ва
Корҳои махсуси ДДБ
ба номи Носири Хусрав Нажмидинов М.М.
ЧМ